Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Гафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2022.**

Мусаллам аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои мусоид ҷиҳати омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои мубрами барои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт фароҳам омада, дар ин замина самтҳои мухталифи илми ватанӣ шакли дигареро ба худ касб намуд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бисёрфарҳангии таҳсилот баррасӣ ва пажуҳиши риштаҳои ҷадиди забоншиносӣ яке аз самтҳои афзалиятнок доманадор ба шумор меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ, яъне ба омӯзиши вижагиҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст ва бояд тазаккур дод, ки мавзуи мазкур дар илми забоншиносии тоҷикӣ яке аз таҳқиқоти нав ба шумор меравад.

Чи тавре ки аз мутолиаи автореферат бармеояд, рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Навгонии таҳқиқоти диссертатсонӣ дар он аст, ки бори нахуст таҳлили муқоисавии истилоҳоти компютерӣ, махсусан, сленги компютерӣ, ки як қабати лексикаи технологияи иттилоотӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба шумор меравад, анҷом дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Ташаккул ва таҳаввули лексикаи компютерӣ ва Интернет дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавандаи ин боб ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳаввулоти лексикаи компютерӣ ва таснифоти он, манбаъҳои лексикаи компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он мебошанд.

Боби дуюми таҳқиқот «Таснифи соҳавии лексика ва истилоҳоти технологияҳои иттилоотии даврони муосир» ихтисос дода шуда, ба 3 зербоб ҷудо карда шудааст. Масъалаҳои омӯзиши боби мазкур қабатҳои лексикаи компютерӣ ва технологияҳои иттилоотии даврони муосир, таснифоти сохтории истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ ва вижагиҳои сохтории сленгҳои компютерӣ мебошанд.

Боби сеюми диссертатсия «Сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи

компютерӣ» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Дар он оид ба ташаккул ва таҳаввули сленгҳо дар лексикаи компютерӣ ва вижагиҳои хоси онҳо, вижагиҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ маълумоти илман асоснок оварда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки мазмун ва мундариҷаи бобу зербобҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ ва мантиқӣ тибқи талабот оид ба таълифи рисолаи илмӣ мебошад.

Диссертант дар хулоса натиҷаҳои умумии таҳқиқоти диссертатсиониро шарҳу тавзеҳ намуда, инчунин, тавсияҳои илман асоснокро оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод намудааст.

Аммо дар радифи дастовардҳо ва комёбиҳо дар кори илмӣ метавон баъзе норасоиҳоро мушоҳида намуд, масалан:

1. Ба таври гуногун овардани ному насаби муҳаққиқон дар автореферат ба мушоҳида мерасад: "Т.Р. Мамадрасулова, М.М. Бекмуродов, С. Назарзода, Мирзо Ҳасани Султон, З. Мирзоев, А.И.Юсупов, Г.Г. Нуров..." (с.6).

2. Дар автореферат хатоҳои услубӣ ба чашм мерасанд: "Все практические исследовательские материалы позволяют нам легко понять любой компьютерный сленг в Интернете, чатах, блогах и не только"(с. 58).

Албатта ин камбудиҳо хукми пешниҳодро доранд ва ҳаргиз арзиш ва аҳамияти кори илмиро кам намекунанд.

Хулоса метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи автореферат ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ғафуров Зоир Саъдуллоевич шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикӣ ва ИНШХ-и забони русии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров  Элназаров Баҳодур Давронович

Имзои Элназаров Баҳодур Давроновичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров  Наврӯзов Э.М.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Телефон: (+992)927607554 Email: bakhodur_elnazarov1987@mail.ru